**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзӯи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.**

Мубрамияти омӯзиши тасвири забоншиносии ҷаҳон ва таркиби асосии он - мафҳум ё консепт аз он иборат аст, ки дар забоншиносии муосир ҷойгоҳи забон дар раванди воқеии фарҳангҳову тамаддунҳо андешида мешавад. Забоншиносии маърифатӣ забонро бо фарҳанг пайвастагии ногусастанӣ мешуморад: забон ин хусусиятҳои воқеияти ғайри забониро инъикос мекунад, ки барои соҳибони фарҳанги асил мутааллиқ мебошанд. Ҳалли масъалаи марбута, яъне, забон ва фарҳанг бо ҳамдигар ҳамтавъам буда, дар рушд ва такомули ҳар як забони башарият мутасил мебошад, ки ин равобит дорандагони анъанаҳои миллӣ ва суннатиро ба ҳам мепайвандад. Яке аз ҷанбаҳои чунин таҳқиқ таҳлили мафҳумҳо дар асоси маводи забонҳои гуногуни системавӣ мебошад, ки барои муайян кардани вижагиҳои этникии менталитетии халқҳои гуногунро шаҳодат медиҳад.

Пеш аз ҳама, бо мубрамии назариявии таҳқиқот дар соҳаи забоншиносии шинохтӣ муайян ва мушаххас мегардад, ки дар марҳилаи рушди босуръати илму техника, падид омадани технологияи навтарин ва рушди равобити байналмилалӣ аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст.

Барои ба даст овардани ин мақсад муҳаққиқи ҷавон Хушматов Н. дар пеши худ иҷро кардани вазифаҳои зеринро ба миён гузоштааст:

- гирд овардани маводи забонӣ ва матолиби илмии марбут ба мавзуъ ва танзиму таснифи ин мавод;
- муайян намудани шароити таърихӣ ва муҳити иҷтимоии таълиф ва китобати асар ва таъсири он дар мутуни маҳфузи асолати маводи таҳқиқ намудаи диссертант;
- нишон додани роҳҳои сохташавии консепти нав ва консептуализатсия ва баъзе аз шарҳу эзоҳот бо вижагиҳои этимологиашон дар асоси маводҳои илмӣ ва қомусномаҳои забонҳои мазкур дарҷ ёфтааст.

Навгонии мавзуи фавқуззикр дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ва англис бо диду назари тоза ва бо шарҳу тафсироташ аз ҷониби диссертант Хушматов Н. хело ҳам ба маврид

мавзуи консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Мавод ва матолиби фишурдаи рисолаи мазкур метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба услуби ягон рисола ва ё кори таҳқиқотӣ, дар таърихи ташаккул ва таҳаввули забоншиносии шинохтӣ ва маърифатӣ, ҳамчунин таълиму тадриси таърихи забони тоҷикӣ ва забоншиносии шинохтӣ ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барномаҳову дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода мегардад.

Диссертатсияи таҳқиқ намудаи диссертант Хушматов Н. дар мавзӯи *«Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*, мавриди таҳрир ва омӯзиши амиқ қарор гарифтааст ва дар асоси меъёр (стандарт)-ҳои нави илмӣ таҳия намудааст. Тарзи овардани иқтибосот, шарҳу тафсирот, пайвараҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи рисолаву фарҳангҳо ва вожаномаву қомусномаҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст, ки дар маҷмуъ 165 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия – «Забон ва фарҳанг дар раванди равобити байнифарҳангӣ» унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст.

Боби дуюми диссертатсия бошад перомуни «Таҳлили муқоисавии мазмуни байнифарҳангии консепти “одоб/politeness” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда таҳқиқоти мазкур аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи мавзуи таҳқиқнамудаи диссертант Хушматов Н. хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар раванди ҷамъоварии мафҳуми одоб аз сарчашмаҳои зиёде иқтобос овардааст, хуб мешуд ки ҳар як мафҳуми марбутаро муаллиф бо вомҳои таърихиашон нишон медод.
2. Агар диссертант дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои таърихӣ ва қомусномаҳои дигар муаллифон ва забоншиносон назар меафканданд, ин кор хело хуб мешуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с. 9, 10, 20 ва ғ.).

Дар умум, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо

ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои фарҳанг ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсияи Хушматов Н. дар мавзӯи *«Таҳлили маъноиву сохтории консепти "одоб" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»* кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисоланависӣ, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони англисии
факултети забонҳои шарқи
МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»: Тӯраева Г.Б.

Имзои Тӯраева Г.Б.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
тел: +992 92-867-00-31
14.06.2023